# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «30» 09 соли 2020 №109

Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва банди 7 Барномаи беҳтарсозии бахши молиявӣ ва идоракунии молиявии Бонки Осиёии Рушд, мутобиқи банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ барои солҳои 2021 – 2023 тибқи замимаи 1 тасдиқ карда шавад.

2. Сарраёсати буҷети давлатӣ:

- дар ҳамкорӣ бо сарраёсатҳо, раёсат, шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат, сохторҳои зертобеъ ва мақомоти маҳаллии он ҷиҳати иҷрои фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд;

- ҷиҳати татбиқи нақшаи чорибинии болозикр бо мақсади ҷалби кумаки техникӣ ҳамкориро бо шарикони рушд ҷоннок намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Замимаи 1
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» сентябри соли 2020, №109

# Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ барои солҳои 2021 – 2023

**Соли 2021**

| **Номгӯи чорабиниҳо** | **Масъул** | **Муҳлат** |
|---|---|---|
| Таъсиси гурӯҳи корӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат | Феврал |
| Таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пурра ҷорӣ намудани механизми таҳияи барномавии буҷет дар сатҳи миллӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат | Феврал-апрел |
| Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонки Осиёии Рушд, Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати молияи Федератсияи Россия ҷиҳати дастрасии кумаки техникӣ ва амалӣ ҷиҳати татбиқи механизми барномавии буҷет | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Мунтазам |
| Баргузории семинар барои омӯзиши вазорату идораҳои пилотӣ вобаста ба ҷорӣ намудани таҳияи барномавии буҷет (мубодилаи таҷриба) | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳа | Март |
| Ворид намудани ду вазорати пилотӣ ба гурӯҳбандии барномавӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ, Сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт | Апрел |
| Таҳияи номгӯи барномаҳои буҷетӣ барои вазоратҳои нави пилотӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ, Сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва вазоратҳои пилотӣ | Май |

| | | |
|---|---|---|
| Интихоби як ё ду вазорати пилотӣ барои таҳияи шакли намунавии гурӯҳбандии барномавӣ дар асоси низоми маъмурӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Июн |
| Амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани гурӯҳбандии барномавӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Мунтазам |
| Таҳияи Дастурамал оид ба муайянсозии нишондиҳандаҳои натиҷавии барномаҳои буҷетӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Июн - июл |
| Таҳияи Дастурамал оид ба мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шакли ҳисобот оид ба иҷроиши онҳо | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи "Дастгирии самтҳои алоҳидаи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ” | Июн - июл |
| Ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор вобаста ба таҳияи барномавии буҷет ба Дастурамали таҳияи буҷет (марҳилаи 2) | Сарраёсати буҷети давлатӣ | то 1 июл |
| Баррасии буҷети вазорату идораҳо аз рӯи гуруҳбандии барномавӣ дар Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия | Сарраёсати буҷети давлатӣ | тибқи нақшаи тақвимии баррасии лоиҳаи буҷет |
| Таҳлили натиҷаи марҳилаи пилотӣ оид ба татбиқи таҳияи барномавии буҷет ва пешниҳоди хулоса оиди қадамҳои минбаъда | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Август - сентябр |

**Соли 2022**

| **Номгӯи чорабиниҳо** | **Масъул** | **Муҳлат** |
|---|---|---|
| Баргузории семинар барои омузиши вазорату идораҳои пилотӣ вобаста ба ҷорӣ намудани таҳияи барномавии буҷет (мубодилаи таҷриба) | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Феврал |

| | | |
|---|---|---|
| Интихоби гурӯҳи дигари вазорату идораҳо барои ворид намудани онҳо ба гурӯҳбандии барномавӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Феврал |
| Таҳияи номгӯи барномаҳои буҷетӣ барои вазоратҳои нави пилотӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Март |
| Амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани гурӯҳбандии барномавӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Мунтазам |
| Таҳияи Дастурамал оид ба таҳияи буҷет дар асоси барнома барои соли 2021 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2022-2023 | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Апрел |
| Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамал оид ба муайянсозии нишондиҳандаҳои натиҷавии барномаҳои буҷетӣ, Дастурамал оид ба мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шакли хисобот оид ба иҷроиши онҳо | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Май |
| Амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳамгироии (интегратсия) гурӯҳбандии барномавӣ ба низоми иттилоотии банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ (SGB.net) ва иҷроиши барномаҳои буҷетӣ аз рӯи низоми мазкур (дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ) | Сарраёсати буҷети давлатӣ, КВД «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ» Сарраёсати хазинадории марказӣ | Июн |
| Интихоби як ё ду мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҷорӣ намудани таҳияи барномавии буҷет (дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ) | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии молия | Июл |
| Баррасии буҷети вазорату идораҳо аз рӯи гуруҳбандии барномавӣ дар Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия | Сарраёсати буҷети давлатӣ | тибқи нақшаи тақвимии баррасии лоиҳаи буҷет |

| | | |
|---|---|---|
| Таҳлили натиҷаи марҳилаи фосилавӣ оид ба татбиқи таҳияи барномавии буҷет ва пешниҳоди хулоса оиди қадамҳои минбаъда | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Сентябр |

**Соли 2023**

| **Номгӯи чорабиниҳо** | **Масъул** | **Мӯҳлат** |
|---|---|---|
| Баргузории семинар барои омузиши вазорату идораҳои пилотӣ вобаста ба ҷорӣ намудани таҳияи барномавии буҷет (мубодилаи таҷриба) | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Март |
| Ҷорӣ намудани талаботи таҳияи БМХД ва таҳияи барномавии буҷет дар тамоми вазорату идораҳо дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Март-апрел |
| Таҳияи номгӯи барномаҳои буҷетӣ барои вазорату идораҳои боқимонда (дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ) | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Март |
| Амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани гурӯҳбандии барномавӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Мунтазам |
| Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамал оид ба муайянсозии нишондиҳандаҳои натиҷавии барномаҳои буҷетӣ, Дастурамал оид ба мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шакли ҳисобот оид ба иҷроиши онҳо | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Апрел-май |
| Амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳамгироии (интегратсия) гурӯҳбандии барномавӣ ба низоми иттилоотии банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ (SGB.net) ва иҷроиши барномаҳои буҷетӣ аз рӯи низоми мазкур (дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) | Сарраёсати буҷети давлатӣ, КВД «МДАМББ», Сарраёсати хазинадории марказӣ | Июн |

| | | |
|---|---|---|
| Таҳияи Дастурамал оид ба баҳодиҳии самаранокии барномаҳои буҷетӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо сарраёсату раёсатҳои вазорат ва вазоратҳои пилотӣ | Июн |
| Омода намудани маводҳои омӯзишӣ оид ба таҳия ва иҷроиши барномаҳои буҷетӣ, аз ҷумла маводҳои видеоӣ ва электронӣ | Сарраёсати буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳаҳое, ки дар назди Вазорати молия татбиқ мегарданд | Июл |
| Баррасии буҷети вазорату идораҳо аз рӯи гуруҳбандии барномавӣ дар Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия | Сарраёсати буҷети давлатӣ | тибқи нақшаи тақвимии баррасии лоиҳаи буҷет |
| Таҳлили натиҷаи марҳилаи ниҳоӣ оид ба татбиқи таҳияи барномавии буҷет ва пешниҳоди хулоса оиди қадамҳои минбаъда | Сарраёсати буҷети давлатӣ | Сентябр |